# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Гулмадов Файз – доктори илмҳои педагогӣ, профессор аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогика) раиси комиссия; Шарипова Одинамо Пирназаровна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогика) узви комиссия; Даминзода Арафамо Искандар – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогика) узви комиссия.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар шароити кунунӣ мубрам буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар маҷлиси муштараки кафедраи таҳсилоти ибтидоии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласа аз 27.04. 2021, №5) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 16 номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 1- тои онро дастури методӣ, 8-тояшро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ташкил дода, 7-тои онро мақолаҳои дар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ интишоршуда ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** – муайян кардани маҷмӯи заминаҳои педагогӣ барои такмили муоширати педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол бо намунаҳои рафтори мусбӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**:бо чунин роҳҳо таъмин карда мешавад: тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ; интихоби усулҳои иловагии таҳқиқотӣ, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд; намояндагони омӯзгорони интихобшудаи муассисаҳои таълимии пурсидашуда; тасдиқи фарзияи таҳқиқот; натиҷаҳои омӯзиши самаранок дар шароити гуногун; исботи хусусиятҳои сифатӣ ва усулҳои миқдорӣ ва оморӣ бо истифодаи компютер.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муоширати педагогии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯоварии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии модели илмии мутобиқсозии муаллимони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо);

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» мувофиқ буда, ба таҳқиқоти проблемаҳои методологии педагогика, таърихи педагогика ва таҳсилот, омузиши антропологияи педагогӣ, этнопедагогика, педагогикаи муқоисавӣ ва оояндабинии педагогӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкоро мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Давлатов Миралӣ Абдусамадович тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ» барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

в) ба сифати муқаризони расмӣ: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; Гулова Нажиба Абдулмажитовна – мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара.

Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссисяи экспертӣ, Ф. Гулмадов
доктори илмҳои педагогӣ

Аъзои комиссияи экпертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент О. П. Шарипова
номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент А.И. Даминзода

Имзои Ф. Гулмадов, О. Шарипова ва А.И. Даминзодаро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донигоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров